**СУРАТМАҶЛИСИ №9**

аз маҷлиси Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

23 апрели соли 2022 ш. Душанбе

Аъзои Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода: 20 нафар
**Иштирок намуданд**: 19 нафар

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баррасии диссерататсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»

Аз рӯйи масъалаи мазкур Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – раиси Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баромад намуд, қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии ҷаласа диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафераи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода баргузор гардида, нусхаи протокол ва хулосаи мусбии кафедраи мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи довталаб оид ба баррасии диссертатсия дар Шурои олимони факултети забони англисӣ 2 нафар муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳалим Азиз ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шарифова Адолатхон Шарифовна таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд. Ҳамчунин, дар ҷаласа роҳбари илмии довталаб доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович ҳузур доранд.

Барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ сухан ба довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамроев О.А. дода мешавад.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба довталаб саволҳо манзур карда шуданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Иматшоева М. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Кесамирова С. дар атрофи маърузаи довталаб саволҳо пешниҳод намуданд ва маърӯзакунада ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳ.А. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсиониро зикр намуда, аз дастовардҳо ва саҳми назарраси довталаби илмӣ дар тақризашон ёдовар шуд. Ҳамчунин, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ манзур намуданд. Дар охири суханронииашон диссертасияро кори комилан бaанҷомрасида номида, барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан тавсия доданд.

Баъдан муқарризи холис – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шарифова А.Ш. суханронӣ намуда, ҳамчунин аз кори хуб таҳия шудани диссертасия ёдовар шуданд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро манзур намуда, дар маҷмуъ кори диссертатсиониро бaанҷомрасида ҳисоб намуда, барои ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия намуданд.

Ба эродҳои муқарризони холис довталаб Ҳамроев О.А. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои Шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссертасия пардохтанд.

Дар муҳокима аъзои Шуро – номзадони илм Соҳибназарова Ҳ, Иматшоева М., Кесамирова С., Гадоев К., Ашӯрова Т. иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқон ба роҳ монда шудааст, аммо дар муқоиса бо забони англисӣ ин кори аввалин мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ воқеан паҳлуҳои гуногуни усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Таъкид гардид, ки ихтисос ва номи мавзуи диссертасия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертасия пурра мувофиқат мекунад. Дар охири суханронииашон ҳамаи музокиракунандагон пешниҳоди

муқарризони холисро дар хусуси ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия додани таҳқиқоти диссератсионӣ дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои Шуро дар мавриди ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Ҳамроев О.А. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 19 нафар;
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**Қарор карда шуд:**

Диссератсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод карда шавад.

Раиси Шурои олимони
факултети забони англисии
Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода: Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Котиби Шурои олимони факултет: Султонзода Миҷгона